**"ТАСДИҚ МЕКУНАМ"**
**Директори**
**Маркази тадқиқоти стратегии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**д.и.ф., профессор узви-вобастаи Академияи**
**миллии илмҳои Тоҷикистон**
**Усмонзода Х.У.**
________________
«02» 07 соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи иқтисодӣ)**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060500 – Иқтисодиёт (6D050601 – Назарияи иқтисодӣ) ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд:

2.2. Таҳаввулоти таърифҳо (парадигмаҳо)-и назарияи иқтисодӣ;
2.3. Робитаҳои байнифаннӣ дар илми иқтисодиёт;
2.4. Принсипҳо ва методҳои таҳқиқоти иқтисодӣ-назариявӣ;
2.5. Стандартҳои илмият ва меъёрҳои арзёбии донишҳои иқтисодӣ;
2.6. Ташаккули мактабҳои илмӣ дар назарияи иқтисодӣ;
2.8. Коркарди методологияи таҳқиқоти таърихи афкори иқтисодӣ;
2.9. Таҳқиқоти муқоисавии иқтисодӣ.

Мазмун, навгонии илмӣ ва натиҷаҳои асосии диссертатсия ба масъалаҳои рушди назариявию методологии иқтисодиёти донишбунёд, таҳқиқи робитаи он бо раванди саноатикунонии босуръат, такмили

асосҳои методологии таҳқиқоти иқтисодӣ ва арзёбии муқоисавии таҷрибаи ҷаҳонӣ мутобиқ буда, ба самтҳои зикршудаи Шиносномаи ихтисос пурра ҷавобгӯ мебошанд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия**. Мавзуи диссертатсия таҳти унвони «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» яке аз масъалаҳои муҳим, муосир ва афзалиятноки назария ва амалияи иқтисодиёти муосир ба ҳисоб меравад. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт, рақобати рӯзафзуни байналмилалӣ, густариши равандҳои рақамикунонӣ, рушди босуръати технологияҳои нав, зеҳни сунъӣ ва иқтисодиёти рақамӣ, инчунин афзоиши нақши сармояи инсонӣ ва захираҳои зеҳнӣ дар рушди иқтисодӣ, ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд ҳамчун шарти асосии таъмини рушди устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ аҳаммияти хосса касб намудааст.

Дар марҳилаи кунунии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ дониш, илм, технология, инноватсия ва иттилоот ба муҳимтарин захираҳои истеҳсолӣ мубаддал гардида, дар баробари меҳнат, сармоя ва захираҳои табиӣ ҳамчун омилҳои асосии рушди иқтисодӣ эътироф шудаанд. Дар чунин шароит, давлатҳое, ки тавонистаанд иқтисодиёти худро дар асоси дониш, навоварӣ ва технологияҳои муосир ташкил намоянд, ба рушди босуръати иқтисодӣ, баланд гардидани рақобатпазирӣ, афзоиши маҳсулнокии меҳнат ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ноил гардидаанд. Аз ин рӯ, ташаккули иқтисодиёти донишбунёд имрӯз яке аз самтҳои стратегии рушди аксари кишварҳои ҷаҳон маҳсуб меёбад.

Иқтисодиёти донишбунёд ба истифодаи самараноки дониш, илм, технологияҳо, инноватсия ва сармояи инсонӣ ҳамчун омили асосии рушди иқтисодӣ такя намуда, имконият фароҳам меорад, ки истеҳсолот аз шаклҳои анъанавӣ ба истеҳсолоти инноватсионӣ, рақобатпазир ва дорои арзиши баланди иловашуда гузарад. Дар ин раванд, рушди низоми миллии инноватсионӣ, такмили фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, ҷорӣ намудани дастовардҳои илм ба истеҳсолот, рушди иқтисоди рақамӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ, ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ ва баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ ба самтҳои калидии сиёсати иқтисодии давлат мубаддал мегарданд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур аҳаммияти боз ҳам бештар дорад, зеро дар доираи ҳадафи чоруми стратегии кишвар – саноатикунонии босуръат – рушди саноати рақобатпазир бидуни

истифодаи васеи дониш, технологияҳои муосир ва инноватсия ғайриимкон мебошад. Таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки рушди устувори соҳаи саноат пеш аз ҳама ба сатҳи рушди илм, технология, рақамикунонӣ, фаъолияти инноватсионӣ, омодасозии мутахассисони баландихтисос ва ҳамгироии самараноки илм, маориф ва истеҳсолот вобастагии мустақим дорад. Аз ин рӯ, иқтисодиёти донишбунёд ҳамчун пояи асосии рушди саноати муосир ва рақобатпазир баромад менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир барои рушди иқтисодиёти донишбунёд заминаҳои мусоиди сиёсӣ ва ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудаанд. Қабули “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Стратегияи рушди иқтисоди рақамӣ”, “Стратегияи рушди илм, технология ва инноватсия”, “Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ ва технологияҳои инноватсионӣ”, инчунин дигар барномаҳои давлатӣ аз таваҷҷуҳи роҳбарияти давлат ба рушди иқтисодиёти донишбунёд ва гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ шаҳодат медиҳанд. Бо вуҷуди ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи тиҷоратикунонии натиҷаҳои илмӣ, фаъолияти инноватсионӣ, рушди инфрасохтори инноватсионӣ, рақамикунонии истеҳсолот ва истифодаи самараноки иқтидори илмӣ-технологии кишвар ҳанӯз ба талаботи иқтисоди муосир пурра ҷавобгӯ нест. Ин ҳолат зарурати таҳқиқоти амиқи илмиро дар самти ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд боз ҳам тақвият медиҳад.

Аз ҷиҳати назариявӣ низ масъалаи мазкур ниёз ба таҳқиқоти бештар дорад. Дар адабиёти илмӣ масъалаҳои марбут ба иқтисодиёти донишбунёд, ҷомеаи баъдисаноатӣ, иқтисодиёти рақамӣ, иқтисодиёти инноватсионӣ ва рушди сармояи инсонӣ аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин, масъалаҳои мутобиқ намудани таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ ба хусусиятҳои иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи механизмҳои ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръат ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар ин самт ҳанӯз ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд.

Маҳз ҳамин зарурятҳо боиси интихоби мавзуи диссертатсияи Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич гардидааст. Дар таҳқиқот масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ташаккули иқтисодиёти донишбунёд, омилҳои рушди он, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, арзёбии вазъи кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моделсозии таъсири иқтисодиёти донишбунёд ба рушди иқтисодӣ, инчунин пешниҳод намудани механизмҳои такмили

сиёсати давлатӣ дар ин самт мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд.

Аҳаммияти мавзуъ инчунин дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳияи пешниҳодҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ, рушди фаъолияти илмӣ ва инноватсионӣ, такмили низоми омодасозии кадрҳо, рушди соҳибкории инноватсионӣ, ҷалби сармоягузорӣ ба бахшҳои donишталаб, рақамикунонии иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобатпазирии саноати миллӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки мавзуи диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ, назариявӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ хеле мубрам буда, ба самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи рушди иқтисодиёти муосир мутобиқ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар такмили асосҳои назариявии иқтисодиёти донишбунёд, таҳияи механизмҳои рушди он, баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатӣ дар самти саноатикунонии босуръат, рушди инноватсионӣ ва иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзишманд гузоранд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии довталаб дар он зоҳир мегардад, ки тамоми марҳилаҳои таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асоснок намудани мубрамии он, муайян кардани ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот, омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти донишбунёд, таҳлили таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ, арзёбии вазъи ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҳияи хулосаҳо ва пешниҳоди тавсияҳои илмӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шудаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқот довталаб масъалаҳои марбут ба ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши илм, инноватсия, технология ва сармояи инсонӣ дар рушди иқтисоди миллӣ, инчунин роҳҳои такмили сиёсати давлатиро дар ин самт мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар шакли хулосаю тавсияҳо ва пешниҳодҳои илмӣ ҷамъбаст гардида, дар мақолаҳои илмии муаллиф ба нашр расидаанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои онҳо ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда довталаб ба як қатор натиҷаҳои муҳимми илмӣ ноил гардидааст, ки

навгонӣ, аҳаммияти назариявӣ ва арзиши амалии онҳоро тасдиқ менамояд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва тавсияҳо, инчунин рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот асоснок карда шудаанд.

Дар **боби якум** асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд баррасӣ гардидаанд. Муаллиф мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои иқтисодиёти донишбунёдро дар асоси таҳлили назарияҳои иқтисодӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ ҷамъбаст намуда, нақши дониш, илм, технология, инноватсия ва сармояи инсониро ҳамчун омилҳои асосии рушди иқтисодиёти муосир асоснок кардааст. Ҳамзамон, робитаи иқтисодиёти донишбунёд бо раванди саноатикунонии босуръат ва рушди устувори иқтисодӣ аз ҷиҳати илмӣ таҳлил гардидааст.

Дар **боби дуюм** вазъи ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Дар асоси маълумоти оморӣ ва таҳлилҳои муқоисавӣ сатҳи рушди илм, маориф, фаъолияти инноватсионӣ, рақамикунонӣ, сармояи инсонӣ ва имкониятҳои иқтисоди донишбунёд арзёбӣ гардида, омилҳои маҳдудкунанда ва мушкилоти асосии рушди он муайян шудаанд. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда, барои рушди иқтисодиёти донишбунёд ҳанӯз имкониятҳои истифоданашуда ва масъалаҳои ҳалталаб мавҷуданд.

Дар **боби сеюм** самтҳои асосии ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд. Муаллиф роҳҳои такмили сиёсати давлатӣ, рушди инфрасохтори инноватсионӣ, таҳкими ҳамкории илм, маориф ва истеҳсолот, баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва фароҳам овардани муҳити мусоиди институтсиониро барои рушди иқтисодиёти донишбунёд асоснок намудааст. Тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва суръат бахшидани раванди саноатикунонии кишвар мавриди истифода қарор гиранд.

**Дар ҷамъбаст,** муаллиф натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқотро хулосабарорӣ намуда, тавсияҳои амалӣ ва пешниҳодҳои илмиро оид ба

такмили сиёсати давлатӣ дар самти ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намудааст.

Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои диссертатсия, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешавад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада.** Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳои илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060500 – Иқтисодиёт (6D050601 – Назарияи иқтисодӣ) ҳамчун дастовардҳои нави илмӣ ва амалии муҳаққиқ арзёбӣ мегарданд. Муаллиф навгониҳои илмиро дар муқаддима ва бобҳои диссертатсия ба таври мантиқӣ, муназзам ва асоснок инъикос намуда, масъалаҳои назариявию методологии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёдро дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор додааст. Натиҷаҳои асосии дорои навгонии илмӣ чунин мебошанд:

- муаллиф дар асоси таҳлилу ҷамъбасти назарияҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ мафҳуми «иқтисодиёти донишбунёд» ва хусусиятҳои хоси онро дар шароити саноатикунонии босуръат такмил дода, нақши дониш, илм, технология, инноватсия ва сармояи инсониро ҳамчун омилҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудааст;
- омилҳои асосии ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва гурӯҳбандӣ гардида, таъсири рушди илм, маориф, фаъолияти инноватсионӣ, рақамикунонӣ, муҳити институтсионалӣ ва сармояи инсонӣ ба суръати саноатикунонии кишвар аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ арзёбӣ гардидааст;
- дар асоси таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ ва вазъи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти донишбунёд пешниҳод гардида, зарурати таҳкими ҳамкории илм, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, марказҳои инноватсионӣ ва бахши воқеии иқтисодиёт барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ асоснок карда шудааст;
- механизми ташкилию иқтисодии рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тавсияҳои илмӣ оид ба такмили сиёсати давлатӣ, рушди инфрасохтори инноватсионӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ, тақвияти фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва баланд бардоштани

самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ пешниҳод шудаанд, ки татбиқи онҳо метавонад барои рушди устувори иқтисоди миллӣ ва суръат бахшидани раванди саноатикунонии кишвар мусоидат намояд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Натиҷаҳои диссертатсия дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» дорои аҳаммияти муҳимми илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, метавонанд барои такмили сиёсати давлатӣ, рушди саноати инноватсионӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ истифода бурда шаванд.

**Аҳаммияти илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки заминаҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръат такмил дода шуда, моҳият, омилҳо, принсипҳо ва механизмҳои рушди он бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок гардидаанд. Дар таҳқиқот муносибатҳои илмӣ оид ба ҳамгироии илм, маориф, инноватсия ва истеҳсолот такмил ёфта, роҳҳои истифодаи сармояи инсонӣ ҳамчун омили асосии рушди иқтисодиёти донишбунёд пешниҳод шудаанд.

**Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот** аз он иборат аст, ки пешниҳодҳо ва тавсияҳои муаллиф метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ вобаста ба рушди иқтисодиёти донишбунёд, саноатикунонии босуръат, рақамикунонӣ, фаъолияти инноватсионӣ, рушди илм ва технология, инчунин баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ истифода бурда шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои мақомоти давлатӣ, муассисаҳои илмӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва роҳбарияти корхонаҳои саноатӣ аҳаммияти амалӣ доранд.

**Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда метавонад ба баланд гардидани самаранокии истифодаи дониш, технология ва захираҳои зеҳнӣ, рушди истеҳсолоти дорои арзиши иловашуда, афзоиши маҳсулнокии меҳнат, тақвияти фаъолияти инноватсионӣ, ҷалби сармоягузорӣ, рушди соҳибкории инноватсионӣ, рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва суръат бахшидани раванди саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

**Аҳаммияти иҷтимоӣ.** Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки татбиқи пешниҳодҳо ва тавсияҳои илмии муаллиф

метавонад ба рушди сармояи инсонӣ, баланд бардоштани сифати низоми маориф, илм ва омодасозии мутахассисони рақобатпазир мусоидат намояд. Ташаккули иқтисодиёти донишбунёд барои густариши фарҳанги инноватсионӣ, рушди иқтидори зеҳнии ҷомеа ва таҳкими робитаи илм, маориф ва истеҳсолот заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҳамзамон, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд гардидани сатҳи шуғли аҳолӣ, коҳиши муҳоҷирати меҳнатии мутахассисони баландихтисос, беҳтар шудани сифати зиндагии аҳолӣ ва рушди устувори иҷтимоӣ мусоидат намояд. Дар маҷмуъ, татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда барои ташаккули ҷомеаи донишбунёд, баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ, таҳкими иқтидори илмӣ ва инноватсионии кишвар ва ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳими иҷтимоӣ дорад.

Натиҷаҳои мушаххаси илмии Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич аз асоснокии назариявӣ ва эътимоднокии таҳлилҳои анҷомдодашуда шаҳодат медиҳанд. Муаллиф тавонистааст омилҳои асосии ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёдро муайян намуда, роҳҳои такмили механизми рушди онро дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, рушди иқтисоди инноватсионӣ ва такмили сиёсати давлатии иқтисодӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 9 мақолаи илмӣ инъикос гардидаанд, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда ва 5 мақола дар маҷмуаҳои маводи конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расидаанд. Муҳтавои интишорот натиҷаҳои асосии назариявӣ, методологӣ ва амалии таҳқиқотро пурра инъикос намуда, мутобиқати онҳо ба мазмун ва вазифаҳои диссертатсияро тасдиқ менамояд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич ба ихтисос ва самти интихобшуда – 6D060500 – Иқтисодиёт (6D050601 – Назарияи иқтисодӣ) пурра мутобиқ мебошад. Мундариҷаи диссертатсия ба талаботи бандҳои 21 ва 22-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) мувофиқат дошта, самти илмии таҳқиқот бо масъалаҳои назариявию методологии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд, нақши он дар саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди инноватсия, сармояи инсонӣ ва такмили сиёсати давлатии иқтисодӣ комилан ҳамоҳанг мебошад.

**Эродҳо ва нуктаҳои баҳсталаб оид ба такмили диссертатсия.** Ба андешаи мо, диссертатсия дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, ба талаботи корҳои илмии тахассусӣ ҷавобгӯ мебошад. Бо вуҷуди ин, барои боз ҳам такмил ёфтани муҳтавои рисола эродҳои зерин пешниҳод мегарданд:

1. Дар зербоби 1.1, ки масъалаҳои назариявии иқтисодиёти донишбунёд мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, назария ва консепсияҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар шакли ҷадвал ҷамъбаст шудаанд. Бо вуҷуди ин, барои боз ҳам баланд бардоштани арзиши илмии таҳқиқот мувофиқи мақсад мебуд, агар мавқеи илмии муаллиф нисбат ба ҳар як равиши назариявӣ равшантар ва бо хулосаи муқоисавии мукаммалтар ифода мегардид.

2. Дар таҳлили вазъи иқтисодиёти донишбунёд бештар нишондиҳандаҳои умумии ҷумҳуриявӣ истифода шудаанд. Агар таҳлил аз рӯйи минтақаҳои ҷумҳурӣ низ анҷом дода мешуд, фарқияти минтақавӣ ва имкониятҳои рушди иқтисодиёти донишбунёд равшантар инъикос мегардиданд.

3. Ҳангоми баррасии рушди сармояи инсонӣ ба нишондиҳандаҳои умумӣ такя шудааст. Бо вуҷуди ин, таҳлили муфассали вазъи омодасозии кадрҳои илмӣ, муҳаққиқони ҷавон, шумораи патентҳо, стартапҳо ва натиҷаҳои тиҷоратикунонии корҳои илмӣ муҳтавои таҳқиқотро пурратар мегардонид.

4. Дар боби якум таҷрибаи кишварҳои пешрафта истифода шудааст, аммо таҷрибаи давлатҳои пасошуравӣ ва кишварҳои ҳамсатҳи Тоҷикистон, аз қабили Қазоқистон, Узбекистон ва Озарбойҷон нисбатан камтар таҳлил гардидааст.

5. Дар диссертатсия масъалаҳои рақамикунонӣ ҳамчун яке аз омилҳои иқтисодиёти донишбунёд баррасӣ шудаанд, вале нишондиҳандаҳои иқтисоди рақамӣ ва таъсири онҳо ба рушди соҳаҳои саноатӣ метавонистанд васеътар таҳлил карда шаванд.

6. Баъзе пешниҳодҳои амалии муаллиф хусусияти умумӣ доранд. Агар барои татбиқи онҳо механизми мушаххас, марҳилаҳои иҷро,

манбаъҳои маблағгузорӣ ва натиҷаҳои пешбинишаванда пешниҳод мегардиданд, арзиши амалии таҳқиқот боз ҳам баландтар мешуд.

7. Дар баъзе ҷадвалҳо ва расмҳои диссертатсия камбудиҳои ҷузъии техникӣ ва таҳририӣ ба назар мерасанд. Ҳамчунин, дар баъзе мавридҳо рақамҳои оморӣ метавонанд бо маълумоти солҳои охир нав карда шаванд.

8. Хулосаи диссертатсия бештар хусусияти ҷамъбастӣ дорад. Агар саҳми шахсии муаллиф, навгониҳои илмӣ ва самтҳои минбаъдаи таҳқиқот ба таври муфассалтар ҷамъбаст мегардиданд, арзиши илмии рисола боз ҳам бештар мешуд.

**Мутобиқати диссертатсия ба талаботи барасмиятдарории он мувофиқи меъёрҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"-и КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Кори диссертатсионии Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич бо риояи пурраи талаботи "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ" ба расмият дароварда шудааст.

Диссертатсия аз рӯи сохтор, услуб, таъмини истинодҳои илмӣ, тарзи пешниҳоди таҳлилҳо ва мураттабсозии натиҷаҳо ба меъёрҳо ва талаботе, ки дар «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»–и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, пурра ҷавобгӯ мебошад.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба кори диссертатсионӣ ва сазовор будани муаллиф барои гирифтани дараҷаи илмӣ**

Диссертатсияи Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060500 – Иқтисодиёт (6D050601 – Назарияи иқтисодӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот дорои навгонии илмӣ буда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии онҳо барои рушди назарияи иқтисодӣ, таҳкими асосҳои методологии иқтисодиёти донишбунёд ва такмили сиёсати давлатӣ дар самти саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас

мебошанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, инчунин ҳангоми таҳияи барномаҳо ва стратегияҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мавриди истифода қарор гиранд.

Бо дарназардошти аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқот, сатҳи баланди таҳияи диссертатсия, асоснокии хулосаҳо ва мутобиқати пурраи он ба талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060500 – Иқтисодиёт (6D050601 – Назарияи иқтисодӣ) дониста мешавад.

Дар ҷаласа 12 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

– тарафдор: 12 нафар

– зид: нест

– бетараф: нест

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии раёсатҳо таҳлил ва ояндабинии иқтисодиёти соҳавӣ ва таҳлили масъалаҳои соҳибкорӣ ва рушди бахши хусусӣ муҳокима ва тасдиқ гардид.

Протоколи № 2 аз 30.06.2026.

**Раис муовини директор, н.и.и.** ____________ **Ҷурахонзода С.Ҷ.**

**Ташхисгар муовини якум директор,**
**д.и.и., дотсент** ____________ **Муртазозода О.**

**Котиби ҷаласа** ____________ **Махсудинов О.А.**

Имзоҳои: д.и.ф., профессор Усмонзода Х.У., Ҷурахонзода С.Ҷ., Муртазозода О., Махсудинов О.А.- ро тасдиқ менамоям.

**Мудири шуъбаи кадрҳои МТС**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Исроилова С.**

Суроғаи Марказ : ш. Душанбе, к. Шохтемур, 27., ☎: (992 37) 221 1100, (992 37) 227 2799, (992 37) 227 2345; ☎-Факс: (+992 37) 221-11-00, E-mail: info@mts.tj